«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои
филология, профессор,
академики АИ ҶТ
_____________ Имомзода М.С.
«____» ____________ 2018 с.

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Ниёзова Маҳина Тешаевна дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик)**

Абӯалӣ ибни Сино аз он чеҳраҳои адабӣ, илмӣ ва фарҳангиест, ки аз замони рӯзгораш то ба ҳол дар бораи шеваи зиндагӣ ва ҳунари бисёрсоҳааш осори зиёди фолклорӣ, илмӣ ва адабӣ эҷоду интишор гардидааст. Ин раванд дар ягон қарни баъди Шайхурраис мавқуф намонда ва баръакс, аз аср ба аср зиёд ва домандор гардидааст. Бо вуҷуди чунин таваҷҷуҳ ба ҳаёту фаъолияти Сино, ҳанӯз ҳам масъалаҳои номуайян дар хусуси ин нобиғаи илму адаб мавҷуданд, ки пажӯҳиши ҳаматарафаи онҳо вазифаи ояндаи илмҳои гуногун, аз ҷумла илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Дар миёни осори бахшида ба Ибни Сино нақлу ривоятҳои мардумӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки новобаста аз ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлилоти ҷузъӣ қарор гирифтанашон, ҳанӯз ба таври комил ва илмӣ омӯхта нашудаанд. Аз ҷумла, муайян намудани нақши ривояту нақлҳои мардумӣ дар мушаххас сохтани симо, сувар, хисол, ҳунар, рафтор ва муносибати Шайхурраис Абӯалӣ Сино ба пажӯҳиши васеъ ва густурда эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин, образи ин мутафаккир, ки ба ҳайси қаҳрамони марказии чандин асарҳои бадеии калонҳаҷм ва ашъори зиёди ғиноӣ қарор дода шудааст, ҳамчун як образи бадеӣ ба таври бояду

шояд омӯхта нашудааст. Инчунин, шахсияти ривоятии Сино бо шахсияти таърихиаш дар муқоиса гузошта нашудааст ва умумияту фарқияти ин ду образ ташхис нагардидааст. Ин се масъалаи марбут ба шахсияти Сино аз зумраи масъалаҳои ҳалталаби илми адабиётшиносии тоҷик мебошанд ва диссертатсияи барои тақриз пешниҳодшудаи унвонҷӯй Ниёзова Маҳина Тешаевна бо номи «**Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ**» маҳз чун иқдоми боварибахш дар пажӯҳиши густурдаи онҳо ба шумор меравад. Муаллифи диссертатсия дар мадди аввал, сарчашмаҳои дастрас, маводи зарурии илмӣ ва тадқиқотиро мавриди пажӯҳиши ҳаматарафа қарор дода, дар муайян намудани чигунагии чеҳра ва хислату хисоли Абӯалӣ ибни Сино то андозае даст ёфтааст.

Дар шарҳи зарурати интихоби **мавзӯи асосӣ** мо бо муаллифи диссертатсияи илмӣ ҳамақида ҳастем, зеро муайян намудани шахсияти Абӯалӣ ибни Сино ба таври куллӣ ва муайян намудани сувар, симо, хулқу атвор, сиголу муносибати ӯ ба таври ҷузъӣ дар заминаи ривояту нақлҳои мардумӣ ва осори китобӣ талаби илми адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аст. Дар ҳаллу фасли масъалаи марказии кори илмӣ муаллиф аз тарзи нави кори илмӣ, яъне истифодаи маводи фолклорӣ ҳамчун воситаи ташхис истифода намудааст ва он ба раванди ҳалли мақсаду вазифаҳои илмии ба нақша гирифташуда мувофиқати пурра дорад.

**Мақсади асоси**и таҳқиқ аз ошкор намудани чигунагии тасвири чеҳраи Абӯалӣ ибни Сино дар адабиёти бадеии шифоҳӣ ва хаттӣ дар заминаи нақлу ривоятҳо иборат буда, барои ҳаллу фасли он унвонҷӯй номгӯйи 6 вазифаи муҳимтарини таҳқиқро муайян намудааст. Аз ҷумла, муайян намудани заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино, мушаххас намудани симои таърихии Ибни Сино дар асоси ёддоштҳо ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ӯ, нишон додани нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусавварaи Ибни Сино, таҳлили ҳунар ва истеъдодҳои гуногуни Ибни Сино дар асоси нақлу

ривоятҳои мардумӣ, барқарор намудани симо, муайян намудани сиришту хисоли Ибни Сино дар асоси маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ, таҳлили образи Абӯалӣ Сино дар тасаввур ва осори рӯҳониёни мутаассиб аз вазифаҳои ҳалталаби пажӯҳиш қайд гардиданд.

Ба таври мантиқӣ ҳаллу фасл гардидани ҳар яке аз ин шаш вазифа ва натиҷагириҳои илмии онҳоро **бозёфтҳои илмии** муаллиф маънидод кардан мумкин аст.

Диссертатсияи Ниёзова М. Т. дар ҳаҷми се боб, 13 фасл ва хулосаю рӯйхати адабиёт барои ҳимоя пешниҳод гардидаст. Шакл ва пайвастагии мантиқиву таҳлилии фаслҳои ҳар як боб ва мувофиқатии ҳар боби он бо ҳамдигар аз ҷиҳати мантиқ ва таҳлилоти илмӣ ҷавобгӯй будани онро ба талабот нисбати чунин корҳои пешниҳодшуда собит месозад.

Дар се фасли **боби аввали** диссертатсия - **«Шахсияти таърихии Абуалӣ ибни Сино ва заминаҳои пайдоиши образи ривоятию бадеии ӯ»** масъалаи шахсияти таърихӣ ва образи ривоятию бадеии Абуалӣ ибни Сино таҳқиқ шудааст. Таҳлили симои таърихии Абӯалӣ Синоро унвонҷӯй барои муайян намудани заминаҳо ва сарчашмаҳои образи дар миёни мардум машҳур будаи ӯ анҷом додааст ва бо ин тарз, ба назари мо, маводи кофии илмиро барои идомаи таҳлил дар бобҳои минбаъда фароҳам овардааст. Мутолиаи фаслҳои боби аввали диссертатсия нишон дод, ки унвонҷӯй НиёзоваМ.Т. дар таҳлил ва муқоисаи воқеаҳову ҳодисаҳои ҳаётии даврони Сино бо обарзи ривоятии ӯ заҳмати самарабахш кашидааст ва ба натиҷаҳои хуби мантиқӣ ноил гардидааст.

Бар асоси талаби **боби дуюми** кори диссертатсионӣ, ки **"Тасвири шахсият ва симои Абӯалӣ ибни Сино дар ривоятҳои шифоҳии тоҷикӣ"** унвон дорад, ҳафт фасли таҳлилӣ муайян шудаанд. Ин ҳафт фасли боб дар асоси мавзӯъ ва мазмун, муҳтаво ва мақсади наклу ривоятҳои дастрас ҳаллу фасл гардидаанд. Дар натиҷаи таҳлили ҳар фасли боби мазкур дар заминаи ривоятҳо унвонҷӯй тавонистааст ҳунар, маҳорат,

истеъдод, муносибат, сувар, симо ва тарзи муомилаи Абӯалӣ ибни Синоро муайян намояд. Аз ҷумла, дониши тиббӣ ва ҳунари пизишкӣ, истеъдоди равоншиносӣ, маҳорати омӯзгорӣ, илми кайҳоншиносӣ, ҳунари соҳирӣ ва муъҷизакорӣ, даврони кӯдакию наврасӣ ва ҳунари шоирии Абӯалӣ ибни Сино ба таври густурда аз рӯи ривоятҳои мардумӣ таҳлилу тасниф гардидаанд.

Муҳтаво ва таҳлили **боби сеюми** диссертатсияро, ки **"Образи Сино дар ривоятҳои адабиёти хаттӣ"** ном дорад, се фасл фароҳам овардаанд. Фасли аввали диссертатсия аз таҳлили нақлу ривоятҳо ва натиҷагириҳои олимон дар масъалаи муайян намудани симои Ибни Сино дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти хаттӣ иборат аст. Бар замми ин, муаллифи диссертатсия кӯшидаст, то симои мутафаккирро, ки дар адабиёти бадеӣ тасвир шудаанд, низ ба риштаи таҳлил кашад. Хулосаи унвонҷӯй дар ин замина қобили дастгирӣ аст, ки чунин тасвири образи Синоро дар заминаи ривояту нақлҳои мардумӣ қаламдод мекунад. Барои анҷоми чунин таҳлил, муаллиф аз тамоми сарчашмаҳои дастрас, ки дар онҳо ривоятҳову нақлҳои вобаста ба портрети Шайхурраис дарҷ ёфта буданд, истифода намудаст.

Тасвири чигунагии характери Ибни Сино бошад, дар **фасли дуюми** боби сеюми диссертатсия таҳлил шудааст. Таҳлили характери Шайхурраис ибни Сино дар ин фасл бар асоси сарчашмаҳои илмӣ-таърихӣ анҷом шудааст, ки то ҳол дар илмҳои адабиётшиносиву фолклоршиносии тоҷик ба назар нарасида буд. Унвонҷӯй дуруст ба мушоҳида гирифтааст, ки дар баробари нақлу ривоятҳои мардумӣ, дар барқарор намудани симо (портрет), муайян намудани сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ ёрӣ расонида метавонанд. Дар заминаи таҳлили ин мавод муаллиф ба хулоса омадааст, ки кулли осори бадеии эҷодшуда асосан дар заминаи нақлу ривоятҳо ва санаҳои воқеии ҳаёти Сино арзи вуҷуд кардаанд.

Маълум аст, ки на дар ҳамаи давру замонҳо муноисбат ба шахсияти Абӯалӣ Сино якранг будааст. Аз ҷумла, истеъдоди фавқулодаи ӯ дар илми тиб, пешгӯиҳои ӯ тавассути мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ боиси он гардиданд, ки дар миёни мардумони оддӣ дар бораи муъҷизаву соҳирии Шайхурраис ривоятҳо арзи вуҷуд намоянд. Аммо гурӯҳе аз рӯҳониёни мутаассиб ин ривоёту нақлҳоро ба фоидаи худ ва барои бадном сохтани Сино истифода намуданд. Ҳамаи ин масъалаҳоро муаллифи диссертатсия дар **фасли охирини** боби сеюми кор таҳти сарлавҳаи **"Образи Абӯалӣ ибни Сино дар тасаввур ва осори рӯҳониёни мутаассиб"** ҳаллу фасл намуда, ба чунин хулоса омадааст: таҳлили ин гуна ривоёт ва осор нишон дод, ки он то андозае ғаразнок навишта шуда, асосан аз тарафи намояндагони дин, мусалмонони мутаассиб, ки муқобили ҳар гуна илм ва натиҷаҳои илмӣ буданд, интишор ёфтанд.

Аҳаммияти амалӣ ва назарии диссертатсияи пешниҳодшуда барои илмҳои адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик кам нест ва инро аз хулосаҳои илмии кор дарк кардан метавон. Бар замми ин, маводи зиёди таърихӣ, илмӣ ва бадеии истифодашуда аз камолоти илмии муаллифи кор маълумот медиҳад. Бовуҷуди ин, диссертатсия аз камбудиҳо ва норасоиҳо холӣ нест ва ҷалби таваҷҷуҳи муаллиф баислоҳи онҳо боиси боз ҳам мукаммал гардидани пажӯҳиши масъалаи асосӣ мегардад. Дар зер ба чанде аз онҳо ишора мешавад, ки дар муқоиса ба мавзӯъҳои баррасишуда нисбатан умумӣ ба назар мерасанд:

1. Дар ду боби аввали диссертатсияи илмӣ баъзе масъалаҳои монанд ва зиёдатӣ ба назар мерасанд, ки худдорӣ аз онҳо ба фоидаи кор мебуд. Аз ҷумла, чунин таҳлилҳои монандро дар миёни фасли дуюми боби аввал (с. 24-36) ва фасли аввали боби дуюми диссертатсия (с. 50-74) мушоҳида кардан мумкин аст.

2. Боби дуюми диссертатсияи илмӣ аз 7 фасл иборат аст (с. 50-128) ва дар баррасиҳо оид ба тасвири симо ва ҳунару истеъдоди Абӯалӣ ибни Сино муаллифи он заҳмати зиёдро ба харҷ додааст. Бояд гуфт, ки

новобаста ба натиҷагириҳои бобарор аз фаслҳои боби зикршуда, зарурат ба таҳлили алоҳидаи ҳар яки онҳо набуд. Муаллиф метавонист фаслҳои аввалу (с. 50-74) дуюм (с. 75-79) ва фаслҳои сеюму (с.80-94) панҷумро (с. 100-105 ) муттаҳид намояд.

3. Унвонҷӯй кӯшиш намудаст, ки қаринаҳои тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносиро дар нишон додани хӯю хисол, ҳунару муносибат ва истеъдоди Ибни Сино истифода намояд. Масалан, сувар ва мусаввара ба ҷои образ, симо ба ҷои портрет, хисол ба ҷои характер ва мисли инҳо. Ин иқдоми муаллифи диссертатсия қобили таҳсин аст, вале чунин ба назар мерасад, ки вай дар истифодаи истилоҳоти зикршуда баъзан ба омезиш роҳ медиҳад.

4. Фасли охири боби сеюми кори илмиро (с.154-161), ки ба таҳлили образи Абӯалӣ Сино дар тасаввур ва осори руҳониёни мутаассиб бахшида шудааст, ҳамчун яке аз дастовардҳои хуби диссертатсия қайд кардан метавон. Бовуҷуди ин, мувофиқи мақсад мебуд, агар фасли мазкур бо масъалаи образи соҳириву муъҷизакории Абӯалӣ ибни Сино, ки тахти фасли 6-уми боби дуюми рисола (с.106-117) таҳлил гардидааст, якҷоя ҳаллу фасл мешуд.

Характери ҷузъӣ доштани эродҳои боло арзишҳои амалӣ ва назарии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Муқоисаи мухтавои автореферат бо диссертатсия ва ҳамчунон, мазмуну мавзӯи мақолаҳои чопнамудаи муаллиф нишон дод, ки онҳо ба пуррагӣ ба мавзӯи асосии таҳқиқ мувофиқат мекунанд. Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ диссертатсияи Ниёзова Маҳина Тешаевнаро дар мавзӯи «**Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятию бадеии ӯ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) кори анҷомёфта ва муҳимму мубраме меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфтааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» – нест , «бетараф» – нест. Қарори №8 аз 13.11.2018.

Мудири кафедраи назария ва адабиёти
навини форсии тоҷикӣ, дотсент Зайниддинов М.

Тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.